**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.**

**______________________**

**«10 ____01______» с. 2024.**

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Неъматова Бибиқанд Мабатхонова дар мавзуи “Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхонова зери унвони “Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ” ба шиносномаи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон комилан мутобиқат менамояд.

Мусаллам аст, ки пажуҳиши мушкилоти забонҳои помирӣ дар даҳсолаи охир қуввати бештар ёфта, дар ин замина асару мақолаҳо ва монографияҳои илмии арзишманд аз ҷониби муҳаққиқони соҳа рӯйи кор омада истодаанд. Бо вуҷуди ин, то ҳол дар ин самт нуктаҳои ба таҳқиқи илмӣ ниёздошта хеле зиёд буда, пажуҳиши саривақтӣ ва ҷиддиро талаб менамоянд. Хосатан, дар самти муқаррар намудани низоми ҳиссаинутқии шохаҳои мухталифи забонҳои помирӣ масъалаҳои баҳснок мушоҳида мешаванд, ки ба таҳлилу баррасии илмӣ ниёз доранд. Вобаста ба ин нуктаи муҳим, таҳқиқоти диссертатсионии Неъматова Бибиқанд Мабатхонова зери унвони “Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ” иқдоми саривақтӣ ва хеле мубрам арзёбӣ шуда, кӯшишест дар роҳи муайян намудани системаи ҷонишинҳои забони вахонӣ ва вижагиҳои сохториву маъноии онҳо.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Ҳаҷм ва сохтори умумии диссертатисия, мубрамият ва зарурати гузаронидани таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф нақш ва мавқеи илмии бевоситаи ӯро нисбат ба мавзуи интихобшуда инъикос мекунанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири

ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлил ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаву маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муаллифи диссертатсия дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар рисола пешниҳодшуда аз усулҳои таҳқиқи таърихиву ҳаминзамонии забоншиносӣ, таҳлили грамматикӣ, таҳқиқи майдонӣ ва ҳамчунин усулҳои муқоиса ва муқобила истифода намудааст.

Муаллифи диссертатсия бар он назар аст, ки низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ бо махсусиятҳои сохториву маъноии худ аз низоми ҷонишинҳои забони тоҷикӣ то андозае фарқият дошта, онҳо дар бештари ҳолатҳо ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми ҷумла ва ивазкунандаи ҳиссаҳои нутқи алоҳида баромад мекунанд. Ҷонишинҳои ин забон аз ҷиҳати сохтор ба гурӯҳҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо шуда, миёни қабатҳои маъноии онҳо ҷонишинҳои шахсӣ ва ғайришахсӣ бештар фаъоланд.

**Нагиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда имкон дорад.** Диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхонова мувофиқи талаботи навтарин дар доираи номгӯйи ихтисораҳо, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт мураттаб гардидааст. Вобаста ба талаботи таҳияи рисолаҳои илмӣ дар самти филология дар қисмати муқаддимаи диссертатсия ба масъалҳои мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, обйект, предмет ва сарчашмаҳои таҳқиқ, асосҳои назарии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуи интихобшуда ва дигар масоили алоқаманд таваҷҷуҳи зарурӣ дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи ҷонишинҳо дар забоншиносӣ» унвон дошта, боби назариявии рисоларо ташкил додааст. Боби мазкур дар навбати худ ба фаслҳои «Масъалаҳои назарияви ҷонишинҳо дар забоншиносӣ», «Баъзе масъалаҳои назариявии низоми ҷонишинҳо дар забони вахонӣ» ва «Мушкилоти таснифи ҷонишинҳо дар забони вахонӣ» ҷудо карда шудааст. Дар онҳо ба масъалаҳои умумии ба ҷонишинҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ иртиботдошта ва мушкилоти таҳқиқи ҷонишниҳои забони вахонӣ таваҷҷуҳ шуда, муаллиф қайд менамояд, ки дар ҳолати таҳқиқи судманди ҷонишинҳои забони мазкур боз як мушкилоти ҳалношудаи низоми сарфии забони вахонӣ ҳаллу фасл мегардад. Дар заминаи назарияҳои мавҷуда ва пешқадами забоншиносони ватаниву хориҷӣ таъкид мегардад, ки ҷонишинҳои забони вахонӣ ҳангоми таснифоти морфологӣ-синтаксисӣ қобилияти иваз карда тавонистани ҳиссаҳои нутқро ба монанди дигар ҷонишниҳои забони тоҷикӣ доранд ва чунин ҳолат бештар дар алоқамандӣ бо исму сифат ва ададҳо ба назар мерасад.

Ҳамчунин қайд мешавад, ки таснифоти навъҳои ҷонишинҳо дар забони вахонӣ аз рӯйи сохтори калимасозиашон низ то ҳадде мушкил мебошад, зеро ҳамаи онҳо усулҳои махсуси калимасозиро доро намебошанд.

Боби дуюми рисола, ки «Ҷонишинҳои шахсӣ» ном гирифтааст, яке аз бобҳои асосӣ ва амалии диссертатсия буда, аз се фасл мураттаб гардидааст. Дар он ба масъалаҳои маълумоти умумӣ дар бораи ҷонишинҳои шахсии забони вахонӣ, истифодаи ҷонишинҳои шахсии шахси якуми танҳо ва ҷамъ, шахси дуюми танҳо ва ҷамъ, шахси сеюми танҳо ва ҷамъ дар забони таҳқиқшаванда, корбурди ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии забони вахонӣ ба вазифаи ҷонишинҳои шахсӣ ва сохти эргативӣ дар ҷонишинҳои забони вахонӣ таваҷҷуҳ шуда, зикр мегардад, ки дар забонҳои мунҷонӣ, язғуломӣ, рӯшонӣ, хуфӣ, бартангӣ ва қисме аз лаҳҷаҳои вахонӣ сохтори эргативии ҷумла бо мувофиқаи субйект ба феълҳои гузаранда дар замони гузашта нигоҳ дошта шудааст. Аз таҳлили боби мазкур аён мегардад, ки муаллифи диссертатсия аз вижагиҳои сарфии аксарияти забонҳои оилаи забонҳои помирӣ огоҳии комил дорад ва дар заминаи қиёси онҳо ба мақсади ниҳоии худ даст ёфтааст. Қоби зикри махсус аст, ки дар ин қисмат ҷонишинҳо дар алоқамандӣ бо дигар аъзоҳои ҷумла таҳлилу баррасӣ шуда, мавқеи онҳо дар низоми наҳвии ҷумла устувор нишон дода мешавад. Таҳлилҳои илмии диссертант дар мавриди ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ қобили таваҷҷуҳ буда, метавонанд назарияи ҷонишинҳои забони тоҷикиро боз ҳам мукаммал гардонанд.

Дар боби сеюми диссертатсия бо номи «Ҷонишинҳои ғайришахсӣ дар забони вахонӣ» муаллиф аслан мавқеи ин навъи ҷонишинҳоро дар забони таҳқиқшаванда ба риштаи таҳлил кашидааст. Дар иртибот ба ин масъалаҳои корбурди ишораҷонишинҳо, пурсишҷонишинҳо, ҷонишинҳои номуайянӣ, манфӣ, таъйинӣ ва муштарак мавриди бознигарӣ қарор гирифта, қайд мегардад, ки ин навъҳои ҷонишинҳо дар забони вахонӣ ба монанди дигар ҷонишинҳои забони тоҷикӣ ба гурӯҳи ҷонишинҳои ғайришахс дохил карда шудаанд. Аксарияти онҳо ба монанди ҷонишниҳои забони тоҷикӣ вобаста ба тобишҳои маъноӣ ва вазифаҳои дастуриашон гурӯҳбандӣ шудаанд. Чунончи, таъкид мегардад, ки ҷонишинҳои манфӣ дар забони вахонӣ мавҷуд набудани шахс, мафҳум ва миқдорро ифода намуда, аз ҷонишинҳои саволӣ бо иловаи ҳиссачаи **ҳеҷ** сохта мешаванд: **ҳеҷ кӣ, ҳеҷ кас, ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ киро** ва ғайра. Муаллиф пурсишҷонишинҳои забони вахониро ба чор гурӯҳ: пурсишҷонишинҳои исмӣ, сифатӣ, миқдорӣ ва зарфӣ тақсим намудааст, ки ба ҳақиқати масъала созгор мебошад. Онҳо шаклҳои муайяни падежӣ гирифта, ба ин васила шакли муайяни аъзои ҷумларо месозанд, ки намунаҳои он дар ин забон хеле зиёданд.

Дар хулосаи диссертатсия бо овардани 10 банди мушаххас натиҷагириҳо аз таҳқиқоти илмӣ нишон дода шудаанд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 4 банд оварда шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди корбурд қарор додани онҳо назарияву амалияи шохаи сарфу наҳви илми забоншиносии тоҷик метавонад боз ҳам тавсеа ёбад. Дар феҳристи адабиёт зикри теъдоди муайяни сарчашмаҳои илмиву фарҳангномаҳо, мақолаву васоити таълимӣ, ба вижа, таҳқиқоти судманд роҷеъ ба мавзуи интихобшуда оварда шуда, ин ҳолат бевосита аз дониши васеъ ва огоҳии комили муаллиф дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ дарак медиҳад. Маълум мегардад, ки истифодаи теъдоди зиёди пажуҳишҳои илмии марбут, маводи фаровони таҳлилӣ ва назари мустақилонаи муҳаққиқ роҷеъ ба андешаҳои бархе аз мутахассисони соҳа дар дохили диссертатсия мустақилияти андешаи ӯро дар раванди таълифи рисола таъмин намудааст, ки ин ҳолат яке аз ҷанбаҳои муҳим ҳангоми таҳияи рисолаҳои илмии замони муосир мебошад.

Яқин аст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳои воқеӣ дода тавонистан ба ҳаллу фасли масъалаи матраҳшаванда аз муҳаққиқ дар баробари дониши фаровон фаҳму идроки баландро тақозо мекунад. Аз мутолиаи диссертатсия ба таври возеҳ ошкор мегардад, ки муҳаққиқ аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи мушкил ба таври қонеъкунанда баромадааст. Аз тарзи гузориши масъалаҳо ва таҳлилу баррасиҳои муаллифи диссертатсия ба осонӣ метавон пайхас намуд, ки ӯ дорои заковату завқи махсуси забоншиносӣ ва хосатан, калимашиносӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоноваро метавон яке аз таҳқиқоти муҳим ва тоза дар шохаи таҳқиқи ҳиссаҳои нутқи забони вахонӣ ва билхосса, ҷонишинҳои он унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки содаи илмӣ, корбурди маводи фаровон, матолиб ва сарчашмаҳои муҳимми илмӣ таълиф шудааст.

Аз номгӯйи адабиёти диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ давоми солҳои зиёд ба ин масъала сарукор гирифтааст ва нашри мақолаҳои зиёди ӯ (6 мақолаи тақризшаванда ва 5 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ) роҷеъ ба масоили мухталифи ҷонишиншиносӣ дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ ба эътирофи вай ҳамчун муҳаққиқи ҷӯё далолат мекунанд. Дар баробари ин, иштироки муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун низ ба мустақилияти назари илмии вай роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳқиқ ишора мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхонова дастовардҳои илмӣ чашмрасанд. Бо вуҷуди чунин афзалиятҳо ҳангоми мутолиаи диссертатсия ва автореферати он баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва

камбудҳои ҷузъӣ ба чашм хӯрданд, ки ислоҳи онҳо, ба андешаи инҷониб, ҳусну қубҳи илмии рисолаву фишурдаи онро боз ҳам баланд хоҳад гардонд. Ба монанди:

1. Ба назари мо, қисматҳои "Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ", "Асосҳои назариявии таҳқиқот" ва "Пойгоҳи таҳқиқот" дар муқаддимаи рисола ба ҳам монанд буда, аз лиҳози услуб таҳрирталабанд.
2. Хуб мебуд, агар дар диссертатсия ва автореферати он вожаи **таҳқиқот** ба **таҳқиқ** иваз карда мешуд. Масалан, "Сарчашмаҳои таҳқиқ", "Аҳаммияти амалии таҳқиқ" ва ғ.
3. Дар фасли якуми боби аввали диссертатсия муаллиф ба омӯзиши масъалаҳои назарӣ ва афкори назарии муҳаққиқон доир ба ҷонишин дахл намуда, дар идомаи ҳамин фасл якбора масъалаи ибораҳои ҷонишиниро матраҳ менамояд, ки ҳеҷ рабте ба муҳтавои ин фасл надорад.
4. Беҳтар мебуд, агар номи боби дуюми диссертатсия дар ҳаммонандӣ бо боби сеюми он дар шакли "Ҷонишинҳои шахсӣ дар забони вахонӣ" унвон мегирифт.
5. Феҳристи адабиёти диссертатсия вобаста ба риояи тартиби алифбоӣ ва аломатҳои китобат таҳрирталаб мебошад.
6. Қариб дар ҳама саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоиву китобат ва техникӣ ба назар мерасанд. Аз ин ҷиҳат, он ба таҳрири ҷиддӣ ниёз дорад.
7. Дар фишурдаи диссертатсия иқтибосҳо дар дохили қавси мураббаъ бо нишон додани рақами тартибӣ ва саҳифаи иқтибос оварда шуда, бар замми ин дар охири автореферат рӯйхати адабиёт оварда намешавад. Хуб мебуд, агар сарчашмаҳо вобаста ба талаботи охирин дар поварақ нишон дода мешуданд.

Қобили зикр аст, ки камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллиф аз уҳдаи бандубасти илмии он комилан баромада, мавзуъ ҳалли ниҳоии хешро дарёфтааст. Бо назардошти чунин бартариҳо, диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхонова зери унвони "Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ" пажуҳиши судманди анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалии худ ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда. муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон сазовор аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертасияи

Неъматова Бибиқанд Мабатхонова бо номи “Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷахои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 06-уми январи соли 2024, суратҷаласаи №6 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд – 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент — Дӯстзода Ҳ.Ҷ.

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Абдулазизов В.

**Котиби илмии ҷаласа:**
ассистенти кафедраи забони адабии муосири
тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Холова М.Б.

**Имзоҳои н.и.ф., Дӯстзода Ҳ.Ҷ., н.и.ф., Абдулазизов В. ва асс. Холова М.Б.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: 221-77-11, 904.41-84-80.
E-mail: dustov.hamrokhon@mail.ru
Сомонаи расмӣ:www.tnu.tj

08.01.2024